## Мактаб

Барои ба мактаб шомил кардани бачаҳо ин чиҳоро доштан лозим аст:

- регистратсия дар ноҳияе, ки мактаб он ҷо воқеъ аст ва асосҳои қонунии будубоши падар ё модар дар Россия;
- мурoҷиат кардан ба маъмурияти мактаби наздиктарин ё ба шуъбаи маорифи маъмурияти маҳаллӣ ва пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳо:
  1. Шаҳодатномаи таваллуди бача;
  2. Шиносномаи бача ва яке аз волидонаш;
  3. Корти муҳоҷирати бача ва яке аз волидонаш;
  4. Огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия)-и бача ва яке аз волидонаш (дар он ноҳияе, ки бача ба мактаб ё кӯдакистон меравад);
  5. Табели пешрафти бача аз мактаби пешинааш;
  6. Маълумотномаи тиббии 026 ва сертификат дар бораи эмкуниҳо;

Инчунин тарҷумаи дар нотариус тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳо бо забони русӣ, баъзан полиси тиббии бача талаб карда мешавад. Ин корро дар бюроҳои тарҷума, ки дар наздашон нотариус доранд, кардан мумкин аст.

Агар бачаи шумо забони русиро нағз надонад ё барномаи таълимӣ аз мактаби пешинааш дар ватанатон ба таври ҷиддӣ фарқ кунад, эҳтимол мушкилот ба вуҷуд оянд. Дар ин ҳолатҳо ҳангоми қабул бачаро ба синфи поёнтар қабул мекунанд, ки барояш таҳсил осонтар мешавад. Ба ин кор монеъ нашавед, ин равост. Аз муошират бо роҳбари синф шарм надоред, дар маҷлисҳои волидон иштирок кунед.

Инчунин иштирок дар маҳфилҳои гуногун, курсҳои забономӯзӣ ва дигар чорабиниҳои бачагону ҷавонон барои бача дар пайдо кардани дӯстони нав ва осон кардани мушкилоти таҳсил мадад мерасонанд.

Барои мустақилона омӯзондани забони русӣ ба бачаҳо аз ин сурoғаҳо истифода бурдан мумкин аст:

- портали Института русского языка им. А.С. Пушкина «Русский язык для наших детей» rus4chld.pushkininstitute.ru
- мавод барои мустақилона омӯхтани забони русӣ ва мутобиқати иҷтимоию фарҳангии бачаҳо дар сайти «Добро пожаловать в Ленинградскую область!» migrantlenobl.ru/chitaj-i-smotri/detyam/
- сайти https://детиздесь.рф/

### РОБИТАҲОИ МУФИД

**Комитет общего и профессионального образования Ленинградской области** (маълумот дар бораи мактабҳо ва кӯдакистонҳои вилояти Ленинград, аризаҳо ва шикоятҳо оид ба шомил кардани бачаҳо ба кӯдакистон ва мактаб).
сайти: www.edu.lenobl.ru
e-mail: office_edu@lenreg.ru
тел.: 8 (812) 539-44-50, 8 (812) 539-50-90

**Маслиҳатҳо оид ба масъалаҳои шомил кардани бачаҳо ба синфи якум:** 8(812) 539-49-23, 8(812) 539-44-51

**Уполномоченный по правам ребенка в Ленинградской области** (мурoҷиат ҳангоми мушкилоти шомил кардани бачаҳо ба кӯдакистон ва мактаб).
сайти: 47deti.ru
e-mail: mail@47deti.ru
тел.: 8 (812) 400-36-49, 8 (812) 710-00-15

## БА ҲАЁТ ДАР РОССИЯ ЧӢ ТАВР МУТОБИҚ БОЯД ШУД

Барои он ки Шумо зудтар бо муҳити Россия мутобиқ шавед, кӯшиш кунед, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯстон пайдо намоед, дар ҷашнҳо ва чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ширкат варзед, ба кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед.

Сатҳи дониши забони русиятонро баланд бардоред.

Бо ин мақсад захираҳои зеринро истифода баред, масалан:

- TORFL GO – санҷиши тестии забони русӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба воситаи замимаи мобилӣ.
- pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском».
- Россия для всех – замимаи мобилӣ барои омӯзиши забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузорӣ.

Вилояти Ленинград – минтақаи ғановатманде аз ҷиҳати табиат ва ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ мебошад. Дар бораи ҷойҳои диданӣ, воқеаҳои шавқовар ва фарҳангии вилояти Ленинград метавонед аз портали расмии сайёҳии Комитети фарҳангу сайёҳӣ муфассал шинос шавед - lentravel.ru

### ЗАХИРАҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**migrantlenobl.ru** – Сайт ва замимаи мобилӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо «Добро пожаловать в Ленинградскую область!»: портали расмии иттилоотӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар бораи минтақа, қонунҳои марбут ба муҳоҷират ва меҳнат, маслиҳатҳои муфид ва робитаҳои муҳимро бо забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва тоҷикӣ фаро мегирад.

**migrussia.ru** – «Миграция и мигранты: информационный портал для мигрантов и работающих с ними специалистов»

**russia-edu.minobrnauki.gov.ru** – Сайти расмии Министерства образования и науки РФ барои қабул кардани шаҳрвандони хориҷӣ барои таҳсил дар муассисаҳои миёнаи касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ.

### ЁРИИ БЕПУЛИ ҲУҚУҚӢ

**БФ «ПСП-фонд»**
https://vk.com/pspfond ,psp-f.org, migrussia.ru
Хати доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ дар вилояти Ленинград:
+7 (953) 141-31-09

**БФ «ПСП-ФОНД»**

*Буклет «Медицинская помощь. Образование детей. Социальная и культурная адаптация. Советы для женщин-мигрантов» (на таджикском языке)*
*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*
*Авторы-составители: Якимов А.Н., Гончарова Д.В.*
*Редактор: Панич Б.Л.*
*Тираж 1000 экз.*
*Изготовлено в рамках проекта «Школа мигранта. Добро пожаловать в Ленинградскую область!» комитета по местному самоуправлению, межнациональным и межконфессиональным отношениям Ленинградской области.*

КОМИТЕТ ПО МЕСТНОМУ САМОУПРАВЛЕНИЮ, МЕЖНАЦИОНАЛЬНЫМ И МЕЖКОНФЕССИОНАЛЬНЫМ ОТНОШЕНИЯМ ЛЕНИНГРАДСКОЙ ОБЛАСТИ

migrantlenobl

## Мактаби муҳоҷир

# Хуш омадед ба вилояти Ленинград!

# Ёрии тиббӣ
# Таҳсили фарзандон
# Мутобиқати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ

## Маслиҳатҳо ба муҳоҷирзанон

2022

## ЧӢ ТАВР ЁРИИ ТИББӢ БОЯД ГИРИФТ

**Агар ёрии таъҷилии тиббӣ лозим шавад, – ба телефони 103 (ёрии таъҷилӣ) ё 112 (рақами ягонаи хадамоти фавқулодда) – бепул, бе полисҳои ОМС ё ДМС занг занед.**

Агар ба шумо ё фарзандонатон расондани ёрии таъҷилиро рад кунанд ё пул талаб кунанд, раддияи хаттӣ талаб кунед, ки барои ҳимояи ҳуқуқатон даркор мешавад.

**Дар хотир доред, ки ҳамаи шаҳрвандони хориҷӣ (аз ҷумла бачаҳо) бояд ҳатман полиси амалкунандаи суғуртаи тиббӣ дошта бошанд.** Ин ба шумо ва фарзандонатон имкон медиҳад, ки табобати зарурӣ гиред ва аз ҷаримаю ҳатто, рондашавӣ, эмин монед. Полисро дар аввалин рӯзи ба Россия ворид шудан гирифтан даркор аст.

Полиси тиббӣ метавонад аз ду намуд иборат бошад:
- ДМС (суғуртаи ихтиёрии тиббӣ) – пулакӣ;
- ОМС (суғуртаи ҳатмии тиббӣ) – бепул.

Полиси ДМС ба инҳо ҳуқуқ медиҳад:
- ёрии фаврии тиббӣ дар поликлиника, беморхона;
- ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ;
- дигар хизматҳое, ки дар шартномаи ДМС нишон дода шудаанд.

Барои ёрии тиббии дар шартномаи суғурта мавҷуд набуда ба таври иловагӣ пул додан рост меояд.

Нархи полиси ДМС аз намудҳои хизматрасонии дар он сабтшуда ва муҳлати амали он вобаста аст. Полиси арзонтарини ДМС барои муҳоҷирони меҳнатӣ маъмулан фақат ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббиро дар дармонгоҳҳо ва бемористонҳои давлатӣ дарбар мегирад.

Полиси ДМС барои бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ маъмулан аз суғуртаи тиббии калонсолон қиматтар аст. Махсусан полисҳои ДМС барои кӯдакони ширхора ва навзодон қиматтар аст, зеро онҳо нисбатан бештар касал мешаванд ва табобати онҳо низ қимат мебошад. Полиси ДМС-ро инчунин ҳангоми қабули бача ба мактаб ҳам талаб карда метавонанд.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки ёрии таъҷилии тиббӣ дар ҳар сурат бепул расонида мешавад!

Полиси ОМС барои гирифтани ёрии бепули тиббии нақшавии давлатӣ ҳуқуқ медиҳад.

Шумо метавонед полиси бепули ОМС-ро дар поликлиникаи ҷойи сабти номатон гиред, агар шумо:
- шаҳрванди давлатҳои узви ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) бошед ва мувофиқи шартнома кор кунед ё ин ҳуҷҷатҳоро дошта бошед:
- иҷозатномаи истиқомати муваққатӣ (РВП);
- иҷозати истиқомат (ВНЖ)
- шаҳодатномаи доштани паноҳгоҳи муваққатӣ;
- шаҳодатномаи гуреза.

Барои гирифтани полиси ОМС ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:
- шиносномa ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- СНИЛС;
- шартномаи меҳнатӣ;
- қисми буридаи варақаи огоҳномаи воридшавӣ (регистратсия) ё нусхаи он бо нишондоди ҷой ва муҳлати омадан.

Муҳлати амали полиси ОМС барои шаҳрвандони ЕАЭС, ки дар Россия кор мекунанд – то охири соли тақвимӣ аст, аммо на дарозтар аз муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ.

Ҳатман нусхаи полисро гиред, рақами телефон ва номи ташкилоти суғуртаро, ки ба Шумо полис додааст, дар ёд доред – агар полисатон гум шавад, Шумо онро барқарор карда метавонед.

Агар ба шумо ё бачаҳоятон табобати нақшавии пулакӣ лозим шавад, бо шумо бояд шартномаи хизматрасонии тиббӣ имзо карда, арзиши табобатро мувофиқа кунанд.

Агар дар беморхона ҳуҷҷатҳои шуморо ба замонати пардохти ҳаққи хизмат гиранд – ин ғайриқонунӣ аст. Дар ин ҳолатҳо ба прокуратура ё политсия муроҷиат кунед!

## Таваллуд дар Россия

Агар шумо полиси ОМС надоред ва мехоҳед, ҳангоми ҳомиладорӣ аз назорати духтури гинеколог дар маслиҳатгоҳи занона гузаред, ба шумо барномаи махсуси суғуртаи тиббӣ даркор мешавад, чунки полиси маъмулии ДМС чунин хароҷотро пӯшонида наметавонад. Ҳангоми таҳияи полис ҳатман инро зикр кунед.

Дар Россия талабот оид ба мавҷудияти таҳлилҳо ва муоинаҳо барои қабул ба таваллудхона сахт аст. Дар сурати набудани таҳлилҳо ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳам ҳомиладорро қабул мекунанд, аммо дар шуъбаи обсерватсионӣ ҷой медиҳанд.

Худи таваллуд кунондан бепул аст, зеро ёрии таъҷилии тиббӣ ба ҳисоб меравад, аммо хизмати баъдинаи тиббӣ, муоинаи модару кӯдак пулакӣ мебошанд.

Дар таваллудхона бояд ба шумо бепул маълумотнома дар бораи таваллуди кӯдак диҳанд, ки баъд бо ин маълумотнома бояд ба шуъбаи ноҳиявии ЗАГС равед ва барои кӯдак шаҳодатномаи таваллуд гиред.

Барои гирифтани маълумот дар бораи онҳое, ки ёрии таъҷилӣ бурдааст, ба бюрои сабти ҳодисаҳои нохуш дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград муроҷиат кунед: 8 (812) 573-66-66, 8 (812) 573-66-63.

Агар ёрии таъҷилӣ бо занги шумо наояд ва ё аз табобати шумо саркашӣ кунад, ба телефони шикоятҳо аз ёрии таъҷилӣ занг занед: 8 (812) 456-11-33 (вилояти Ленинград).

Дар ҳолати пеш омадани мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ ба «хатти доғ»-и Министерства здравоохранения занг задан мумкин аст: 8 (800) 200-03-89.

### РОБИТАҲОИ МУФИД

**Комитет по здравоохранению Ленинградской области** (мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ):
сайт: health.lenobl.ru
e-mail: tzmk.lenobl@mail.ru
тел.:8 (812) 679-60-04

**Территориальный орган Росздравнадзора по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области** (мушкилоти гирифтани ёрии тиббӣ):
сайт: 78reg.roszdravnadzor.gov.ru
e-mail:info@reg78.roszdravnadzor.gov.ru
тел.: 8 (812) 314-67-89

## ЧӢ ТАВР ЁРИИ ИҶТИМОӢ БОЯД ГИРИФТ

Агар шумо иҷозати истиқомат, шаҳодатномаи шахси бешаҳрвандӣ, шаҳодатномаи гуреза ё паноҳгоҳи муваққатӣ дар ФР дошта бошед, ҳуқуқ доред барои гирифтани дастгирии иҷтимоӣ ариза нависед. Инчунин ёрии иҷтимоӣ барои иштирокчиёни барномаи муҳоҷирати ҳамватанон ва аъзои оилаи шаҳрвандони Россия дастрас аст.

Шуморо метавонанд мухтоҷи дастгирии иҷтимоӣ ҳисоб кунанд, агар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки шароити зиндагии шуморо душвор гардонанд, масалан, касалии вазнин, маъюбӣ, набудани маскан, бекорӣ, набудани маблағи кофӣ барои рӯзгузаронӣ, зарурати парастории аъзои оилаи бемори вазнин, ҳолатҳои зӯроварӣ ва рафтори золимона дар оила ва ғайра.

Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ бояд ба Марказҳои ноҳиявии хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ (КЦСОН) дар ҷойи регистратсия ё мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоии маъмурияти ноҳияи худ муроҷиат кард.

### РОБИТАҲОИ МУФИД

**Комитет по социальной защите населения Ленинградской области** (гирифтани дастгирии иҷтимоӣ):
сайт: social.lenobl.ru
e-mail:ktszn@lenreg.ru
тел.: 8 (812) 539-46-46

**Телефони ягонаи иҷтимоии вилояти Ленинград:**
8 (800) 350-06-05

## ЧӢ ТАВР БАЧАРО БА КӮДАКИСТОН Ё МАКТАБ СУПУРД

Бачаҳо дар ФР бояд ба таври қонунӣ қарор дошта бошанд – соҳиби корти муҳоҷират, полиси суғуртаи тиббӣ ва регистратсияи қонунии амалкунанда (дар ҷойи истиқомат) бошанд.

**Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд, дар ФР ҳуқуқи кор кардан надоранд!**

**Волидони бачаҳои синни мактабӣ мувофиқи қонун уҳдадор ҳастанд, ки бачаро ба мактаб диҳанд!**

**Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба мисли бачаҳои шаҳрвандони ФР ҳуқуқ доранд, ки ба кӯдакистонҳо ва мактабҳои давлатӣ шомил шаванд.**

### Кӯдакистон

Барои дохил шудан ба кӯдакистон ба маркази бисёрҷабҳа (МФЦ) – и ҷои сабти ном (регистратсия) муроҷиат кунед. Ҷой дар кӯдакистонҳо маҳдуд аст, бинобар ин кӯдаконро барвақттар сабти ном кардан лозим аст.

Рӯйхати марказҳои бисёрҷабҳа МФЦ дар ноҳияҳои вилояти Ленинградро дар ин сайт бинед: gu.spb.ru/mfc.

Телефони «хати доғ»-и МФЦ: 8-800-101-47-47, 8-812-775-47-47